***УДК 321***
***ББК 66.033.11***

***АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ МУНОСИБАТҲОИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ВАО ДАР ШАРОИТИ ТАБОДУЛИ НИЗОМИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***

***Якубов Ҷума Калонович,*** *н.и.с, дотсенти кафедраи сиёсатшинсии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И СМИ В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН***

***Якубов Джума Калонович,*** *канд полит. наук, доцент кафедры политологии Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

***THEORETICAL AND METHODOLOGICAL GROUNDS OF INTERACTION BETWEEN STATE POWER AND MM UNDER THE CONDITIONS OF POLITICAL SYSTEM TRANSFORMATION IN TAJIKISTAN REPUBLIC***

***Yakubov Djuma Kalonovich,*** *candidate of political sciences, Associate Professor of the politology department under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *yakubov.j1963@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма (ВАО), табодули низоми сиёсӣ, идоракунии сиёсӣ-маъмурӣ,трансформатсияи воситаҳои ахбори омма (ВАО)*

*Масъалаҳои асосҳои назариявӣ ва метологии муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма (ВАО) дар шароити трансформатсияи низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, масъалагузорӣ карда мешавад, ки усули идоракунии сиёсӣ-маъмурӣ воқеан вежагии анъанаи идоракунии давлатӣ-ҷамъиятии кишвар, инчунин, мухтассоти давраи трансформатсионии низоми сиёсии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистони муосирро ифода мекунад. Асоснок карда мешавад, ки консепсияи идораи сиёсӣ-маъмурӣ, бешубҳа аксари муқаррароти назарияи идораи ҷамъиятӣ-давлатиро дар бораи зарурати ислоҳоти муносибатҳои миёни давлат ва ҷомеаи муосир, демократикунонии идораи давлат, таҳлили амалияи ҳамкорӣ байни марказҳои мухталиф ва зинаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, андозагирии ахлоқии қабули қарори сиёсӣ ва ғайраро муттаҳид месозад. Инчунин, масъалаҳои трансформатсияи воситаҳои ахбори оммаи шуравӣ ба воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ, марҳалаи ибтидоии трансформатсияи ВАО-и Тоҷикистон зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, муаммои инҳисори ВАО бо истифода аз василаҳои фишори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва ғайра ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *взаимодействие, государственная власть, средства массовой информации (СМИ), трансформация политической системы, политико-административное управление, трансформация СМИ*

*Исследуются проблемы теоретических и методологических основ взаимодействия государственной власти и средств массовой информации (СМИ) в условиях*

*транформации политической системы Республики Таджикистан. В том числе поднимается проблема того, что политико-административное управление реально показывает особенности традиций государственно-общественного управления, а также специфику транформационного периода в политической системе и современном обществе Таджикистана. Обосновывается, что концепция политико-административного управления, безусловно, интегрирует многие положения теории общественно-государственного управления о необходимости реконструкции отношений между государством и современным обществом, демократичности государственного управления, анализа практики сотрудничества между различными центрами и уровнями государственной и общественной власти, нравственного измерения процесса производства политических решений и многого другого. Также исследуются проблемы трансформации советских средств массовой информации в таджикские СМИ, начальный этап трансформации СМИ Таджикистана под воздействием социально-политических, экономических и правовых факторов, проблемы современной монополизации СМИ, происходящей с использованием политических и правовых рычагов давления, и др.*

**Key-words:** *interaction, state power, mass media (MM), transformation of political system, politico-administrative governance, MM transformation*

*The article dwells on the problem of theoretical and methodological grounds of interaction between state power and MM under the conditions of political system transformation in Tajikistan Republic. Into the bargain, there is raised the problem connected with the plight when politic-administrative governance really shows the peculiarities of the traditions referring to statal-social management and the specificity of the transformational period in the political system and today`s society of Tajikistan. It is well-grounded that the conception of politico-administrative governance, unreservedly, integrates a good deal of provisions pertaining to the theory of social-statal management concerned with a necessity for reconstruction of relations between state and contemporary society, democratic style of state governance, analysis of the practice of cooperation between divers centres and standards of statal and social power, moral measurement of the process of elaboration of political resolutions and what not else. There are also investigated problems of Soviet mass media transformation into those of Tajik ones, initial stage of the latter under the sway of social-political, economic and legal factors, modern monopolization of MM with resorting to political and legal levers of pressure, etc.*

Дар низоми демократӣ фаъолияти идоракунии хизмати давлатӣ, шохаи иҷроияи ҳокимият ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар маҷмӯъ чунон бо ҳам печидаанд, ки ба ин муносибати азҳамвобаста ва муштаракфаъолият зарурияти баҳодиҳӣ пеш меояд. Зарурияти чунин талабот боз аз он ҷиҳат бозгӯ аст, ки ислоҳоти хидмати давлатӣ дар доираи ҳамкории зич бо шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ сурат мегирад, ки он азнавтақсимкунии салоҳиятҳои ҳукуматиро тақозо мекунад. Ба назари мо ҳамкориҳои мазкурро боз ҳам дақиқтар мафҳуми «идоракунии сиёсӣ-маъмурӣ» ифода мекунад. Мафҳуми сиёсӣ-маъмурӣ дар ҷабҳаи методологии илми муосири сиёсӣ пай дар пай мавқеи устуворро касб менамояд, ки предмети муҳими омӯзиши он ҳамеша идораи давлатӣ ва фаъолияти хидмати давлатӣ маҳсуб меёбанд. Дар чаҳорчӯбаи мафҳуми сиёсӣ-маъмурӣ равандҳо ва муносибатҳои муайян қарор доранд, ки дар радифи фаълолияти ҳокимияти иҷроияи муосир, ҳамкории он бо акторҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар раванди коркард, қабул ва амалигардонии сиёсати

давлатӣ қадам мезананд. Мафҳуми идораи сиёсӣ-маъмурӣ дар консепсияҳои «шабакаҳои сиёсӣ», «идоракунии демократӣ», «идоракунии ҷамъиятӣ-давлатӣ», «хидмати давлатӣ» хеле табиӣ ҳамоҳанг мегардад, гарчанде ки синоними пурраи онҳо намебошад. Истилоҳи мазкур воқеан вежагии анъанаи идоракунии ватанӣ, инчунин, мухтассоти давраи аз сар гузаронидаистодаи трансформатсионии давлат ва ҷомеаи тоҷиконро ифода мекунад, ки ислоҳоти радикалии низоми сиёсӣ-маъмурӣ, арзишҳо ва принсипҳои идоракунии давлатиро тақозо менамояд. Дар шароити муосир кишвари мо ба ҳокимияти давлатии неруманд ниёз дорад ва василаи эҳёву рушди Тоҷикистон бошад, дар ниҳоди давлатӣ-сиёсӣ нуҳуфта арзёбӣ мегардад.

Дар баробари ин, мусаллам аст, ки вазифаҳои рӯзмарраи сохтмон ва мустаҳкамгардонии давлати комили демократӣ, ташаккул додани низоми пурмаҳсули ҳокимияти иҷроия дар бархӯрди иерархияи бюрократӣ ҳал намегарданд. Нақши менеҷменти бозорӣ-давлатӣ низ дар идоракунии давлатӣ бузург гардида, сиёсатро ҳамчун санъати идора сарфи назар кардааст. Консепсияи идораи сиёсӣ-маъмурӣ, бешубҳа аксар ҷиҳатҳои назариявии идораи ҷамъиятӣ-давлатиро ҳамчун зарурияти ислоҳоти муносибат миёни давлат ва ҷомеаи муосир, таҷдиди идораи давлатии низоми «кушодадошта», таҳлили амалияи ҳамкорӣ миёни марказҳои мухталиф ва зинаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, раванди ахлоқии қабули қарори сиёсӣ ва ғайраро муттаҳид месозад. Вале анъанаҳои ватании идораи давлатӣ, воқеияти ҷамъиятӣ ҳоло ба мо имкон намедиҳанд, ки нақши пешбари давлатро дар коркарди сиёсат инкор ва ғояи «идоракунии бидуни ниҳоди ҳукуматиро» қобили қабул шуморем. Дар партави гуфтаҳо аён мегардад, ки барои чӣ мо тарзи идораи сиёсӣ-маъмуриро ҳамчун фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар доираи конститутсия ва меъёрҳои давлати ҳуқуқӣ арзёбӣ мекунем, ки он бо мақомоти қабули қарорҳои сиёсӣ, бо шаҳрвандон, муассисаҳо, воситаҳои ахбори омма (ВАО) ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҳамкории доимӣ дорад.

Дар давлати муосири ҳуқуқӣ фаъолияти ҳокимияти иҷроия аз ҳамкориҳо, якум, миёни ҷузъиёти таркибии низоми идораи давлатӣ (ҳокимияти иҷроия – ҳокимияти қонунбарор – президент), дуюм, миёни воҳидҳои сиёсӣ ва маъмурӣ дар дохили низоми ҳокимияти иҷроия, сеюм, миёни ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа вобастагӣ дорад. Маҳз барои ҳамин ҳам, идораи сиёсӣ-маъмурӣ ҳамчун вазифаи муҳими ҳокимияти иҷроия арзёбӣ мегардад, ки он на танҳо қонунҳоро амалӣ месозад, балки дар таҳияи сиёсат иштирок мекунад, ҳамчун миёнарави асосӣ байни давлат ва ҷомеа, ҳамчун актори пуртаъсири сиёсӣ баромад менамояд. Боз он чи бояд ба назар гирифта шавад, ки ҳокимияти иҷроия, хидмати давлатӣ аз рӯи вазифаашон бо гурӯҳҳои манфиатҷӯ муносибат доранд, ки метавонад ба воқеияти низоми сиёсӣ-маъмурӣ таъсири мусбат расонад, инчунин қодир аст, ки характери оммавияти идораи давлатиро коҳонад. Зарурияти объективии мутамарказ гардидани ҳиссаи бештари ҳокимияти давлатӣ дар дасти хидмати давлатӣ муҳимияту афзалияти назорат аз болои субъектони ҳокимиятро нишон медиҳад.

Идораи давлатӣ аз рӯи муносибати он бо қабули қарори сиёсӣ, нақши сиёсии он, иҷрои вазифаҳои миёнаравӣ бо ҷомеа муайян карда мешавад. Фаъолият ва вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ дар самтҳои зерин, аз ҷумла, сиёсӣ, ташкилӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, кадрӣ, таҳлилӣ, инчунин, дар таъмини иртиботи дутарафа миёни аҳолӣ ва ба роҳбарият расонидани иттилооти зарурӣ барои қабули қарор ва ғайра таҷассум мегардад, ки ин натанҳо барои Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳои ҷаҳон низ хос мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон Консепсияи ислоҳоти хидмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ кард, ки он характер ва рушди кишварро дар мӯҳлати наздик ва ояндаи дур ба таври умумӣ ва ҳаматарафа муайян месозад. Консепсияи мазкур фаслҳои «Роҳҳои амалисозии консепсия, сиёсати иттилоотӣ дар шароити ғасби иттилоотӣ, таъмини амнияти иттилоотии давлатӣ ва ғайраро дарбар мегирад, ки онҳо барои илми сиёсӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. [1] Зарурияти ба таври умумӣ ва консептулӣ ҳал кардани ҳолат ва дурнамо, роҳҳои рушди сиёсати иттилоотии давлати Тоҷикистон на танҳо ҷиҳати мухтассоти рушди дохилӣ, балки тибқи тамоюлҳои характери глобалидошта муайян карда мешаванд.

Имрӯз мушкили ислоҳоти хидмати давлатӣ на танҳо барои Тоҷикистон муҳим гаштааст. Дар ИМА, Британияи Кабир, Франсия, Шветсия ва дигар кишварҳои мутараққӣ ба ҷиҳати каммаҳсулии дастгоҳи давлатӣ ва ғайриҷавобгӯ будани он ба талаби замон таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Ба таври қатъӣ ва пай дар пай ислоҳоти маъмурӣ мегузаронанд. Ислоҳоти хидмати давлатӣ ба он нигаронида мешавад, ки ба даъватҳои ҷомеаи баъдисаноатӣ ва иттилоотии баландтехнологии воқеияти кишварҳои пешрафтаи Ғарб ва Россия ҷавобгӯ бошад.

Трансформатсияи ҷомеаи кишварҳои тараққикардаи Ғарб, ки дар заминаи технологияҳои индустриалӣ, стандартизатсияи мол ва хидмат, бозори дохилии нисбатан пӯшида, ҳолати устувори молӣ, низоми устувори сиёсӣ-маъмурӣ сурат гирифт, ошкор кард, ки низоми маъмурии анъанавӣ қобилияти иҷрои вазифаҳои хешро надорад. Баръакси ин раванд дар ҷомеаҳои иттилоотии постсаноатӣ ворид намудани технологияҳои баланд, диверсификатсияи мол ва хидмат ва истеъмоли инфиродии он, ба роҳ мондани бозори дохилии кушод, ҷаҳонигардонии рақобат ва дефитсити буҷет ба дастгирии самти иҷтимоии фаъолияти давлат аз ҷониби шаҳрвандон ва фаъолияти босуботи низоми маъмурӣ мусоидат менамояд.

Ислоҳоти низоми маъмурӣ дар кишварҳои пешрафтаи Ғарб дар чаҳорчӯбаи дарки ҷадиди нақш ва вазифаҳои давлат амалӣ мегарданд. Кулли вазифаҳое, ки ба пеш бурдани сиёсат ва ташаккули стратегия дар ҳама самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дахл доранд, ба дӯши дастгоҳи марказӣ вогузошта мешаванд. Қисми вазифаҳо вобаста ба хидмати аҳолӣ, ки пештар ба дӯши давлат буд, ба сохторҳои коммерсионӣ вогузошта мешаванд. Дар ин сурат давлат аз масъулияти иҷрои ин вазифаҳо даст намекашад. Вай вазифаи худро дар таъмин ва амалигардии ин фаъолият мебинад, вале худ иштирок намекунад. Воқеан маҳз ҳамин раванди трансформатсияи вазифаҳои давлат, ҳамчун хидмати давлатӣ маҳсуб меёбанд. Ба ақидаи коршиносони соҳа [2, 49-50] нишонаҳои амалигардии ислоҳот дар кишварҳои Ғарб аз инҳо иборат шуда метавонанд:

а) дараҷаи хусусигардонии хидмати ҷамъиятӣ ва вазифаҳо, инчунин дараҷаи ҷорӣ намудани ҷузъиёти бозорӣ дар механизми идораи давлатӣ; б) дараҷаи ғайримутамарказгардонии салоҳият ва вазифаҳо; в) усули содагардонии сохтори хидмати давлатӣ; г) тағйири мавқеъ ва манзалати хидматчиёни давлатӣ.

Азбаски Тоҷикистон аллакай ба равандҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳон шомил гардидааст, он низоми маъмурии худро ислоҳот гузаронида тамоюлоти умумиҷаҳоние, ки ба кишварҳои тараққикардаи Аврупо ва Америка хос мебошанд, сарфи назар карда наметавонад. Ҳамин тариқ, дарк кардан зарур аст, ки аксари мушкилиҳо, камбудиҳо, ки дар низоми маъмурии мо ҷой доранд, танҳо ватанӣ намебошанд. Дар баробари ин онро бо назардошти мухтассоти давраи гузариш фаҳмонидан ғайриимкон аст. Мутахассисони

ғарбӣ се мушкили аввалиндарачаро баён мекунанд, ки онро дар равандиислоҳоти хидмати давлатӣ ҳал намудан зарур аст. Инҳо: а) ҷой надоштани иртиботи қавӣ бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои онҳо; ҳисси нобоварии шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ва ниҳодҳои он; б) бемасъулиятии муташаккил ва дастаҷамъӣ; в) сентрализми бюрократӣ, коғазбозӣ.

Ҷузъи марказии ислоҳоти низоми маъмурии ҳокимият, аз ҷумла, хидмати давлатӣ аз нуқтаи назари илми сиёсӣ мавҷуд будани шарту шароити муносиб, омода будан ба дастгирии ислоҳот ва иштироки воқеии неруҳои мухталифи ҷомеа дар амалисозии он маҳсуб меёбанд. Шарти муҳими он боварии мардум ба ниҳодҳои ҳукуматӣ ва омодабоши ҳамкорӣ бо онҳо мебошанд. Ҳангоми ҷой надоштани эътимоди ҷамъиятӣ имконияти таъсиси муссисаҳое, ки берун аз қолаби расмӣ, озодона амал кунанд, кам шуда, дар шароити нав прототипи муассисаҳои расмӣ хоҳанд шуд.

Ҷиҳати сиёсии фаъолияти хидмати давлатӣ дар шароити мутобиқ ба Тоҷикистон, Россия ва аксар кишварҳои Ғарб амалисозии ислоҳоти маъмурӣ, пеш аз ҳама, таҳлили воқеии таъсири ислоҳот ба тағйири принсипҳои бунёдии муносибат миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, миёни низоми сиёсӣ ва дастгоҳи маъмурӣ, инчунин оқибатҳои сиёсии аз назар ниҳони ин ё он чораро дар ислоҳоти дохилидастгоҳӣ пешбинӣ менамояд. Моҳияти ислоҳот дар мутобиқгардонии модели хидмати давлатӣ ба таҳаввулоти фундаменталии иқтисодӣ ва умуман, ҷомеа ифода меёбад, ки фаъолияти консептулӣ ва мақсадноки роҳбарони сиёсиро тақозо менамояд. Таваҷҷӯҳи илмҳои сиёсиро мушкилоти шарту шароити ислоҳот, фалсафа ва идеологияи гузаронидани ислоҳот, мақсадҳои стратегии он ва интихоби модели хидмати давлатӣ, ки ба шароити мавҷуда мувофиқ ва барои оянда муфид мебошанд, ба худ ҷалб мекунанд. Мусаллам аст, ки мушкилоти номбаршуда танҳо мавзӯи тадқиқи илми сиёсӣ намебошанд. Илми сиёсӣ мушкилоти номбаршударо танҳо аз нуқтаи назари демократикунонии хидмати давлатӣ тадқиқ менамояд. Ислоҳоти хидмати давлатӣ аз ин нигоҳ, ба ақидаи ин ҷониб, фаъолияти хидмати давлатиро ба доираи се ҷиҳати муҳим равона месозад: а) муносибати дастгоҳ ба шаҳрванд ҳамчун субъект, вале на ҳамчун объекти идорашавандаи гаправ; б) эҳтиром ва дастрасии дастгоҳ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои онҳо, кӯшиш ба муоширот, ҳамкорӣ, муомилот, даст кашидан аз василаҳои зӯрӣ ва сӯиистифодабарӣ аз салоҳияти хидматӣ; в) назорати фаъолияти дастгоҳ на танҳо «аз боло», балки «аз поён» низ. Дар заминаи мазкур принсипҳои ҷадиди муносибат миёни давлат ва ҷомеа, ки модели нави ташкили кори хидмати давлатиро амалӣ месозанд, аз се ҷузъ иборат шуда метавонанд: якум, дар ҳаёт татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар паланди ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои шаҳрвандон дар самти иқтисодиёт, маънавиёт, маданият, сиёсат, ҳуқуқ ва дигар бахшҳои фаъолияти давлатӣ – экология, сохтмони ҳарбӣ, муносибатҳои миллӣ ва ғ. Дуюм, вазифаи мушаххас барои Тоҷикистон мусоидат ба ташаккули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, маълум намудани талаботи ҷамъиятӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон, ки бо хидмати давлатӣ алоқаманд мебошанд, ташкили мониторинги тамоюлоти рушди ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ва ассосиатсияи онҳо аз таъсири гайриқонунии мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, ташкили иштироки шаҳрвандон ва ассосиатсияи онҳо дар фаъолияти хидмати давлатӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар амалӣ сохтани сиёсати давлатӣ, татбиқи ислоҳот, ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма (ВАО) ва ҷомеа, соҳиб шудан ба боварӣ ва обрӯ ва эътибори хидмати давлатӣ тавассути иҷрои софдилона ва ташабускоронаи вазифаҳои роҳбарии хизматчии давлатӣ, ташвиқу тарғиби

намунаҳои беҳтарин дар ВАО ва ғ. маҳсуб меёбанд. Сеюм, иштироки хидматчиёни давлатӣ дар фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ: иттифоқи касаба, иттиҳодияҳои интихоботӣ, гурӯҳҳои лоббистӣ ва ғ.

Имрӯз мушкилоти асосии муносибати хидмати давлатӣ ва ҷомеа ба баланд гардидани сатҳи маҳсулнокии он вобаста аст. Дар доираи вазифаҳо нишонаи сатҳи маҳсулнокии хидмати давлатӣ метавонад дараҷаи дастгирии сиёсӣ кардан ва ё накардани мақомоти давлатӣ аз ҷониби шаҳрвандон маҳсуб ёбад. Асоси чунин дастгирӣ, дар навбати хеш, боварии дуҷониба ва тафоҳуми тарафайни шаҳрвандон ва мақомоти ҳукуматӣ мебошад.

Дар натиҷаи тадқиқоти ташаккули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои интихоботӣ, клубҳои баҳсӣ, ВАО ва ғ.) зикр кадан мумкин аст, ки плюрализми ҳизбӣ дар аксари ҷумҳуриҳое, ки соҳибистиқлол гардиданд, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, натиҷаи равандҳои ҷамъиятӣ-сиёсии вобаста ба бозсозии сиёсии соли 1985 оғозшуда мебошад. Тавре ки маълум аст, ҳамон замон ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ танҳо як ҳизб –Ҳизби коммунистӣ мавҷуд буд. Дигар ҳизбҳо зуҳур карда наметавонистанд, зеро ба таври расмӣ ягонагии идеологӣ ва сиёсии ҷомеа эълон гардида, принсипи нақши авангардии коммунистон дар Конститутсия инъикос ёфта буд.

Оғози плюрализми сиёсиро дар фазои пасошуравӣ интихоботи намояндагони халқи Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1989 ҳисобидан мумкин аст, ки дар он бори аввал алтернативаи номзадҳо гузошта шуда буд. Натиҷаи интихобот нишон дод, ки ҳизби ҳукмрон дар инқироз қарор дошта, таҳаввулоти сиёсии назаррасро нигарон аст. Ислоҳи моддаи 6-ми Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба нақши роҳбарикунандаи ҲКИШ ва дар соли 1990 аз ҷониби Съезди 3-юми депутатҳои халқи Иттиҳоди Шуравӣ эътироф гардидани бисёрҳизбӣ фазои мусоид ва такони ҷиддӣ ба ташкили ҳизбҳои сиёсӣ гардид.

Дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ акнун зерсохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул меёбад, ки танҳо вай қодир аст, ки шароити ташаккул ва институтсионализатсияи гурӯҳҳои манфиатдор, ташкилот ва ҳизбҳоро таъмин намояд, ки онҳо дар сохтори ҳукуматӣ манфиати худро дифоъ карда тавонанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дараҷаи рушди демократия бевосита аз он вобаста аст, ки то чи андоза плюрализми сиёсӣ татбиқ гардидааст, чунки, пеш аз ҳама, дараҷаи гуногунандешии сиёсӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ ифодаи худро меёбанд.

Гузариш аз тоталитаризм ба роҳи рушди демократии муносибатҳои бозорӣ сохтори иҷтимоии ҷомеаро тағйир дода, раванди дифференсиатсияи иҷтимоиро пурзӯр намуда, барои дар ҳаёт татбиқ гардидани арзишҳо ва принсипҳои плюралистӣ замина месозад. Ин раванд дар зуҳури ҳаракатҳо, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ-сиёсии ҷадиди мухталиф ифода меёбанд. Ҷоригардии раванди таърихӣ таҳаввулотро дар кулли соҳаҳои фаъолияти ҳаёти инсон тақозо мекунад. Таҳаввулоте, ки аввал дар низоми сиёсии шуравӣ ва пас аз он дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад, тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифт. Тарзи ҳаёти сиёсӣ, инчунин иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дигаргун гашт. Дигаргунии ҷамъиятии солҳои 80-уми асри бистум оғозгардида инъикоси худро дар ВАО наёфта наметавонист.

Масъалаи трансформатсияи ВАО-и шуравӣ ба ВАО-и ватанӣ ҳоло ҳозир барои муҳаққиқон хеле актуалӣ маҳсуб меёбад, дар баробари ин, ба пажӯҳиши мавзӯи мазкур на танҳо олимони ватанӣ, балки мутахассисони Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) ва Ғарб низ машғуланд. Инчунин, ба раванди ташаккул ва рушди ВАО-и мустақили ватанӣ

таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Вале ба мавҷудияти корҳои пажӯҳишии мухталиф ва ҳамаҷиҳата нигоҳ накарда онҳоро вобаста ба объекти тадқиқ ба се самт тақсим намудан мумкин аст:

1. Тадқиқотҳое, ки ВАО-ро ба сифати ниҳоди иҷтимоии амалисозандаи як қатор вазифаҳо дида мебароянд.
2. Пажӯҳишоте, ки кори сохторҳои ВАО (холдингҳо, медиа-корпоратсияҳо)-ро таҳлил менамоянд.
3. Тадқиқотҳое, ки ба фаъолияти эҷодии журналистон бахшида мешаванд.

Тадқиқоти мазкур ба гурӯҳи аввали пажӯҳишҳо мансуб мебошад, зеро муаллиф мақсад дорад, ки муносибати ҳокимияти давлатӣ ва ВАО-и мустақилро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар давраи гузариш татқиқ намояд.

Барои расидан ба мақсади тадқиқ чунин вазифаҳо муайян гардидаанд:

1. Кушода додани давраи аввали трансформатсияи ВАО-и Тоҷикистон зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ.
2. Таҳлили давраи муосири инҳисори ВАО бо истифода аз василаҳои фишори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ.
3. Баҳо додани сифати иттилооти ба ҷомеа паҳну пахшшаванда дар шароите, ки ВАО фазои иттилоотиро инҳисор намудааст.

Тавре, ки пештар баён карда будем, мушкилоти трансформатсияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон барои муҳаққиқони муосир актулӣ буда, ҳоло ҳозир тадқиқотҳои вобастаи мавзӯи мазкур танҳо аз ҷониби муҳаққиқони русиягӣ ва ғарбӣ мутобиқи воқеияти ин кишварҳо мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

Барои шиносоӣ бо ҷиҳатҳои назариявии масъала корҳои муаллифони зиёд мавриди баҳрабардорӣ гардиданд. Исбот карда мешавад, ки ВАО яке аз ниҳодҳои ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад: «Имрӯз ғоя дар бораи он, ки ВАО ин яке аз ниҳодҳои коммуникатсияи оммавии бо қавоиди муайян амалкунанда мебошад, мафҳуми муқаррарӣ гаштааст». [3] Ба ин нигоҳ накарда ба мисли ҳар як ниҳоди ҷамъиятӣ, ба ВАО низ вазифаҳои муайян, сохтор ва самти фаъолият мансуб мебошанд. Дар тадқиқотҳо масоили ниҳодии воситаҳои ахбори омма, моделҳои рушди он ва трансформатсияи ВАО дида баромада мешаванд. Барои тасаввурот ҳосил кардани давраи трансформатсионӣ кори тадқиқотии Засурский Я.Н. муҳим ба назар мерасад. [4,15] Муаллиф воқеаро ҳамчун иштирокдори бевосита маънидод менамояд. Инчунин, ӯ давраи трасформатсионии ВАО-и русиягиро бо ВАО-и ИМА муқоиса менамояд, ки ҳатто ғайричашмдошт миёни онҳо нуктаҳои гузаришро ошкор мекунад. Дар тадқиқи масъалаи мазкур асарҳои муҳаққиқи ватанӣ И. Усмонов арзиши баланди илмӣ дорад. [5,63; 6,51;7,1-100; 8,1-90; 9,9-59;] Муаллиф дар асар ҳама давраҳои рушди журналистикаи ватаниро мавриди пажуҳиш қарор медиҳад. Дар баробари ин, муаллиф на танҳо раванди рушди трансформатсионии ВАО-и ватаниро инъикос мекунад, балки зиёда аз ин, дар ҳар як боб зербоби алоҳидаро барои мураттаб сохтани ҷиҳатҳои назариявии воқеоти содиршуда, инъикоси тамоюлоти умумии фаъолияти воситаҳои ахбори омма мутобиқ ба ҳар як давраи муайяншуда ҷудо менамояд. Бояд тазаккур дод, ки муаллиф дар аксар маврид усулҳои мухталифи илмиро вобастаи масъалаи тадқиқшаванда таъкид менамояд. Усмонов И. таърихи ташаккули ВАО-и ватаниро тадқиқ карда, ба санадҳои мухталифи ҳуқуқӣ диққат медиҳад, ки онҳо фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи мустақилро, махсусан дар давраи муосири рушд ба танзим медароранд. [8,1-90; 9,2-18;]

Ба тадқиқи мухтассоти вежаи ВАО-и мустақил ва журналистика теъдоди муайяни корҳои сотсиологҳо, сиёсатшиносон, таърихнигорон ва журналистон бахшида шудааст.

[10,2-3] Дар ин маврид зикр кардан муҳим аст, ки масъалаи трансфоматсияи воситаҳои ахбори омма предмети пажуҳиши илмҳои гуногун буда, дар мавриди муайян кардани мавқеи ВАО дар ҷомеа нуқтаи назари мухталиф мавҷуд аст:

-ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ;

-ВАО ҳамчун «ҳокимияти иттилоотӣ» ва ғ..

Муайянкунандаи воситаҳои ахбори омма ҳамчун «ҳокимияти чаҳорум», дар баробари ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ дар аксар маврид барои муҳаққиқони ғарбӣ хос мебошад, ки ба анъанаи таърихии ИМА ва Аврупои Ғарбӣ истинод менамоянд. Муҳаққиқон дар ин маврид ҳангоми баёни чунин тезис ба имкониятҳои фаъолияти ВАО-и ғарбӣ такя менамоянд, ки онҳо (манзур ВАО) дар Ғарб аксаран ҷузъи мустақили муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, воқеан метавонанд бевосита ба равандҳои иҷтимоӣ-сиёсии кишвар таъсир расонанд. Вале тибқи анъанаи таърихнигории ватанӣ чунин муносибат дар муайян кардани мавқеи ВАО дар ҷомеа ғайримақсаднок арзёбӣ мегардад. Муайян намудани ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ бо вазифаҳои ба он хос, бо сохтори муайян, бо усулҳои ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ бештар воқеӣ ба назар мерасад. Дзялошинский И.М., ҳаматарафа мушкилоти мазкурро кушода медиҳад. Дар баробари ин муҳаққиқ ба ифодаи модели советии ВАО, ба ифодаи авторитарӣ рӯ меорад ва батафсил оиди вазифаҳо, сохтор ва усулҳои ҳамкорӣ бо ҳокимияти давлатии ҳамонвақта маълумот медиҳад. [3]

Нуқтаи назари авторитарӣ будани модели советии ВАО-ро ғайр аз Дзялошинский И.М., инчунин, Засурский И.В. тарафдорӣ мекунад. Дар асари худ «Воситаҳои ахбори омма дар Россияи пасошуравӣ» муаллиф менависад: «Модели аввалия ва асосии советӣ инструменталӣ мебошад. Онро баъзан авторитарӣ меноманд. Мухтассоти ин модел дар он аст, ки воситаҳои ахбори омма дар дасти ҳукумат, ҳизб ва давлат ҳамчун васила баромад карда, иродаи онҳоро давом медиҳанд». [4,15] Вале муҳаққиқ на танҳо мафҳуми модели авторитарии советии ВАО-ро, балки дар раванди рушди минбаъдаи ВАО-и ватанӣ моделҳои мухталифро ҷудо менамояд. Нуқтаи назар доир ба авторитарӣ будани модели советии ВАО-ро на танҳо аксар олимони руссиягӣ, балки муҳаққиқони ғарбӣ низ тарафдорӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, нуқтаи назари авторитарӣ будани модели советии ВАО-ро тасдиқ намуда, қабл аз ин дар бораи вай маълумот дода, баъд дар давраи трансформатсия ба кадом таҳаввулот рӯ ба рӯ шудани он ҳарф мезанем.

Низоми шӯравии воситаҳои ахбори омма ниҳоди ҷудонопазири ҷомеаи советӣ маҳсуб меёфт. Маҳз барои ҳамин ҳам вай мисли оина тамоми ихтилофот, муваффақият ва мушкилоти давраи советиро инъикос мекард. Дар ин замина, модели советии ВАО пешбинӣ мекард:

-тобеияти ВАО ба назорати марказиву ҳизбӣ ва давлатӣ-идеологӣ, ки дорои сохтори мураккаб ва нодири мутмарказонидашуда буда, дар он сензура ва худсензураи редаксионӣ амал мекунад;

-ҷудокунии қатъии матбуот ва муассисаҳои радио ва телевизион;

-мавқеи марказӣ касб намудани рӯзнома ва журналҳо дар низоми корҳои идеологӣ, зеро бинобар зиёд будани хонандагони матбуоти даврӣ имкон медиҳад, ки қисми бештари табақаҳои иҷтимоӣ фаро гирифта шаванд ва мақсади дар пеш истода амалӣ гардад;

-мавҷудияти иқтисодиёти мутамарказонидашуда нақши коммерсионии рекламаро сифр менамуд, вале фаъолияти нашриётҳо ба давлат фоидаи бештаре меоварданд.

Давраи советиро баррасӣ карда, гуфта метавонем, ки фазои иттилоотие, ки ВАО-и советӣ месохт, пеш аз ҳама, якттарафа буд ва ҳам ба воқеият мувофиқат намекард. Як халқ, як ҳизб, як идеология, воситаҳои ахбори оммаи ягона, яъне давлатӣ, тақрибан чунин

метавон баҳогузорӣ намуд ягонагии ВАО ва ҷомеаро.

Вале чӣ тавре, ки маълум аст, вазъият на ҳамеша чунин мондааст. Ба мсъалаи муайян кардани ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ баргашта, хулоса намудан мумкин аст, ки таҳаввулоте, ки бо ба сари қудрат омадани М.С. Горбачев оғоз шуд, ба кулли самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳамчунин воситаҳои ахбори омма таъсир расонд. Трансформатсияи ВАО бо назардошти қонунияти муносибати институтсионалӣ дар баробари трансформатсияи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа амалӣ гардид.

То имрӯз корҳои тадқиқотӣ бахшида ба давраи трансформатсионии ВАО-и ватанӣ ба таври кофӣ вуҷуд надоранд. Ин мушкилот аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ васеътар омӯхта шудааст. Ҳар як муаллиф дар ифодаи тағйироти ҷойдошта дар самти ВАО усули мушаххаси худро кор фармудаанд. Дар паланди тадқиқоти мазкур дида баромадани усулҳои мухталифи ифодаи давраи трансформатсионӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Засурский Я.И. ҳангоми инъикоси раванди трансформатсия ба моделронии низоми ВАО, ки ба таҳаввулот рӯ ба рӯ шуда буданд, диққат медиҳад. Масалан, муаллиф моделҳои инструменталии (авторитарии) ВАО, модели «ҳокимияти чаҳорум», модели корпоративӣ-авторитарӣ, модели омехтаи корпоратсияҳо ва матбуоти озод, модели давлатӣ ва мунисипалӣ-давлатии маҳаллӣ, модели коммерсионии ВАО-ро шарҳ медиҳад.[4,5] Ҳар як модел хусусияти худро дорад, ки дар ин асос муаллиф онҳоро аз ҳам ҷудо кардааст.

Нигоҳи дигари ифодаи тағйироти давраи трансформатсиониро дар кори Д.Л. Стровский мушоҳида кардан мумкин аст. [11,278] Ҳангоми дида баромадани воқеоти ҳамон замон муаллиф ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии таҳаввулоти дар ҷомеа гузарандаро бо мақсади муайян кардани аҳамияти ин ё он давра дар рушди ВАО мавриди истифода қарор додааст. Масалан, баръакси Засурский Я.И. менависад: «Озодии баён нишонаи эволютсияи модели аввалияи ВАО-и мо аҳсуб меёбад. Ин ҳамон модели инструментлие мебошад, ки ба манфаити демократикунонии ҷомеа трансформатсия шудааст». Муҳаққиқ батафсил дида мебароянд, ки мазмун ва моҳияти ВАО, шакли пешниҳоди мавод, ҳамкории ВАО бо шунаванда чӣ тавр тағйир ёфт. Инчунин, муаллиф заминаҳои қонуниро, ки ба тағйир ёфтани фаолияти ВАО таъсир мерасонад, ҳамаҷониба меомӯзад. Вале дар баробари ин, муаллиф зикр мекунад, ки «ВАО мисли пешин дар шунаванда афкори империро нигоҳ медошт, ки мазмун ва моҳияти онҳо бетағйир мемонданд ва мақомоти ҳукуматӣ кӯшиш мекарданд, ки на танҳо худи иттилооотро назорат кунанд, балки сиёсати кадрии редаксияро низ». [12,85]

Ҳар ду нигоҳ дар шарҳи тағйироти давраи трансформатсионии ВАО мақсаднок мебошанд, вале дар кори мазкур ба сифати ҷудо намудани мухтассоти давра ҳам вежагиҳои тағйири ВАО-и мустақил ва ҳам таҳаввулоти сиёсӣ-иқтисодии ҳаёти ҷомеа баромад кардаанд. Сарфи назар гадидани давраи солҳои 1985 то 1991 ба мақсад мувофиқ нест, зеро ба ақидаи муаллифи мақолаи мазкур ин давра барои дарки оғози тағйироти трансформатсионӣ муҳим мебошад.

Минбаъд бояд давраи ба истилоҳ «буферии» трансформатсионии фозои иттилоотии пасошуравиро қайд кард. Дар ин давра, аз соли 1991 то 2000- ум ВАО дар худ «модели фаъолият»-ро [4,105] таҷассум мекунад. Зери таъсири омилҳои мухталифи сиёсӣ ва иқтисодӣ воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати сохториву низоми фаъолият ва ҳам аз нигоҳи дарки журналистика ва нақши он дар ҳаёти ҷомеа ба ҳар гуна таҳаввулот рӯ ба рӯ мегарданд.

Мантиқан давраи минбаъдаро аз солҳо 2000-ум то замони ҳозир фаро мегирад. Дар ин вақт гуфтан мумкин аст, ки ВАО аллакай як модели муайяни фаъолияти иқтисодидошта, модели ҳамкорӣ бо ҳукумат, модели ҳамкорӣ бо шунавандаро ташаккул доданд ва ниҳоят, нақши худро ҳамчун ниҳод дар ҳаёти ҷомеа муайян карданд. Вале масъалаи он, ки оё ВАО маҳз худашон дар раванди рушд тавонистанд, ки модели фаъолияти хешро ташаккул диҳанд, ё ин ки таҳаввулот чӣ тавре, ки ба ҳукми анъана даромада буд, аз боло роҳандозӣ шуд, **барои баҳс кушода хоҳад монд.** Муаллифи кори мазкур чунин меҳисобад, ки дар давраи буферӣ тағйирот дар самтҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, яъне ВАО дар чунин шароит кӯшиш карданд, ки худро моделронӣ кунанд. Минбаъд ҳамон моделе, ки мо имрӯз соҳибем, ба василаи ҳамон неруи сиёсӣ ташаккул дода шуда буд, ки он то имрӯз дар сари ҳокимият қарор дорад.

**_Пайнавишт:_**

1. *1.Концепция реформирования государственной службы Таджикистана от 1 июня 2007 года, №289. [htt: // www. adlia. tj.> show_dok] (дата обращения: 28.10.2021).*
2. *Комаровский В.С. Государственная служба и СМИ. – Воронеж: Изд-во им. Е.А. Болховитинова, 2003. – 320 с.*
3. *Дзялошинский И.М. СМИ и общественные институты: перспективы взаимодействия /Электронный ресурс: Иосиф Дзялошинский и команда [http://www.dzyalosh.ru/] (дата обращения: 28.10.2021).*
4. *Засурский Я.И. Тенденции функционирования СМИ в современной структуре российского общества // Средства массовой информации постсоветской России. - М.: Аспект Пресс, 2002. – 303 с.*
5. *Усмонов И. Журналистика. Қисми 1. - Душанбе: Империал групп, 2005. – 480 с.*
6. *Усмонов И. Журналистика. Қисми 2. - Душанбе: Империал групп, 2005. –200 с.*
7. *7.Усмонов И. Журналистика. Қисми 3. - Душанбе, 2008. – 448 с.*
8. *Усмонов И. Қонунҳои Тоҷикистон дар бораи воситахои ахбори омма. - Душанбе, 2003. –197с.*
9. *Усмонов И., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик. - Душанбе, 2008. –280 с.*
10. *Юсупов М. Проблемы развития межнациональных отношений в Таджикистане (по материалам республиканской печати 1987-1992 гг.): автореф.дисс… канд. филол. наук.- Минск, 1992. –19 с.*
11. *Стровский Д.Л. Отечественная журналистика новейшего периода.- М., 2011.– 359 с.*
12. *Засурский Я.Н. СМИ и власть. Россия девяностых // Средства массовой информации постсоветской России. - М.: Аспект Пресс, 2002. – 303 с.*

**_Reference Literature:_**

1. *Conception of Tajikistan State Service Reforming from June 1, 2007, #289 [htt: // www. adlia. tj.> show_dok] (Date of appeal: 28.10.2021).*
2. *Komarovsky V.S. State Service and MM. – Voronezh: Publishing-house named after Ye.A. Bolhovitinov, 2003. – 320 pp.*
3. *Dzyaloshinsky I.M. MM and Social Institutes: Perspectives of Interaction. Electronic Resource: Joseph Dzyalonshinsky and Team-Company of Interaction [http://www.dzyalosh.ru/] (Date of appeal: 28.10.2021).*
4. *Zasursky Ya.N. Tendencies of MM Functioning in Modern Structure of Russian Society // Mass-Media of post-Soviet Russia. – M.: Aspect-Press, 2002. – 303 pp.*

5. *Usmonov I. Journalism. Part 1. – Dushanbe: Imperial Group, 2005. – 480 pp.*
6. *Ibidem. Part 2. – 200 pp.*
7. *Ibidem. Part 3. – 2008. – 448 pp.*
8. *Usmonov I. The Laws of Tajikistan Concerning Mass-Media. – Dushanbe, 2003. – 197 pp.*
9. *Usmonov I., Doronov D. The History of Tajik Journalism. – Dushanbe, 2008. – 280 pp.*
10. *Yusupov M. The Problems of Development in Regard to Relations between Nations in Tajikistan [Based on Republican Press Materials (1987 – 1992). Synopsis of candidate dissertation in philology. – Minsk, 1992. – 19 pp.*
11. *Strovsky D.L. Home Journalism of the Newest Period. – M., 2011. – 359 pp.*
12. *Zasursky Ya.N. MM and Authorities. Russia of the 90-ies. // Mass-Media of post-Soviet Russia. – M.: Aspect, 2002. – 303 pp.*